# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. – Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (Душанбе, 2026)

Яке аз соҳаҳои муҳим ва то ҳол ба таври комил ношоно барои илми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин илми ҳуқуқи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Новобаста аз он ки соҳа ва илми мазкур таърихи тулонии ташаккул ва рушдро дар Тоҷикистони тошуравӣ гузашта, дар марҳилаи шуравии инкишоф ба тариқи ҷиддӣ ба таҳаввулот дучор шудааст. Махсусан таърихии идоракунии меҳнат як мавзуи васеъ барои таҳлилу сабақомӯзӣ аст. Чӣ тавре муҳаққиқ Тоҷиддини Баҳриддин дар автореферати худ қайд намудааст, дар таърихи тоҷикон ниҳодҳои гуногун ба идоракунии меҳнат машғул буданд. Қонунгузорӣ дар самти меҳнат инкишоф ёфта, махсусан дар марҳилаи шуравии таърихи тоҷикон идоракунии меҳнат босуръат тағйир меёфт. Аз инспектсияи коргару деҳқон, Комиссариати меҳнат, минбаъд салоҳияти идоракунии меҳнат ба Иттифоқи касаба дода мешавад. Иттифоқи касабаи умумииттифоқӣ нақши Вазорати меҳнатро бозида, ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар самти меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ доро буд. Дар охири марҳилаи Шуравӣ боз ба идеяи таъсиси вазорати алоҳида баргашта, чунин Вазорат таъсис дода шуд, ки дар марҳилаи Истиқлол низ фаъолияти худро давом то имрӯз давом медиҳад. Ин таърихи тулонии ниҳодҳои идоракунии меҳнат бояд ба таври ҷиддӣ таҳқиқу хулосабарорӣ карда шавад. Аз ин нуктаи назар, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳоднамудаи унвонҷуй Тоҷиддини Баҳриддин «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мавзуи мубрами илмӣ буда, амалӣ шудани он холигӣ дар як қатор масоили вобаста ба идоракунии меҳнатро комил мегардонад.

**Пеш аз ҳама, таҳқиқоти** диссертатсионии Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, тибқи Конститутсия ҶТ ҳадафи асосии давлат фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва рушди озодона барои ҳар як инсон аст. Сарчашмаи ҳамагуна шароити беҳтари зиндагӣ меҳнат ва шароити мудсоид барои иҷро намудани он аст. Дар баробари ин, омили асосии таъмин шудани ин ҳадафи олии давлатӣ маҳз амалисозии босифати талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Муҳиммияти мавзуъи таҳқиқотӣ аз шароити муносиби меҳнат, таъмини кори арзанда иборат буда, ҳамзамон бояд қоидаҳое дар қонунгузорӣ ва санадҳои зерқонунӣ таҳия гарданд, ки аз як тараф, ба воқеъияти муосири рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мутобиқ буда, гузариш ба бозори нави меҳнат ва усулҳои идоракунии меҳнатро таъмин намоянд, аз ҷониби дигар, сатҳи зарурии ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо алоқамандро кафолат дода тавонанд. Дар баробари ин, камтаҳқиқ будани мавзуъ ва инчунин мавҷуд набудани боби алоҳида дар Кодекси меҳнати Тоҷикистон, ки масъалаҳое, ки танзими муносибатҳои идоракунии меҳнатро ташкил медиҳанд, мубраммияти мавзуро дучанд менамояд. Яъне дар масъалаи мубраммияти мавзуи интихобшуда шубҳае вуҷуд дошта наметавонад.

Дар натиҷаи таҳлили осори илмӣ ва таҷрибаи идоракунии меҳнат муаллиф мафҳуми муаллифонаи идоракунии меҳнатро пешниҳод кардааст. Дар диссертатсия дар заминаи методологияи илмҳои ҳуқуқӣ усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои соҳавии ҳуқуқӣ мафҳум, пайдоиш, давраҳои рушд ва мазмуну мундариҷаи ниҳоди идоракунии меҳнатро ошкор сохтааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мавзуъ ва объекти таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар шакли мақолаҳо дар нашриёҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар чорабиниҳои илмӣ, аз ҷумла конфронсу семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии таҳқиқот аз хулоса ва пешниҳодҳои илмии дар натиҷаи он ҳосилшуда иборатанд. Инчунин, идоракунии меҳнат ҳамчун яке аз институтҳои мураккаби ҳуқуқи меҳнат баррасӣ шудааст, ки предмети он танзими муносибатҳои ҷамъиятии идоракунии меҳнатро дар ҳама сатҳу зинаҳои он: ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, маҳаллӣ, локалӣ фаро мегирад. Дар таҳқиқот сохтор ва механизми танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат ҳам дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва ҳам дар сатҳи локалӣ ошкор карда шуданд. Заминаҳои танзими

ҳуқуқии идоракунии меҳнат ҳамаҷониба таҳлил шуда, мафҳумҳои асосии ҳуқуқии соҳаи идоракунии меҳнат аниқ ва пурра карда шудаанд.

Дар таҳқиқот мафҳуми "идоракунии меҳнат" таҳия шудааст, ки аҳаммияти муҳими илмию амалӣ дошта, барои истифода дар таҳқиқотҳои илмии ин самт ва амалияи қонунгузорӣ зарур мебошад. Ҳамчунин, пешниҳоди муаллиф оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ навгониҳоро дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ворид менамояд.

Дар таҳқиқоти мазкур бо назардошти мавҷуд набудани меъёр ва боби алоҳида дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳия ва қабули Консепсияи рушди идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи муайян асоснок карда шуда, дар асоси муқаррароти илмии аз натиҷаи таҳқиқоти мазкур ҳосилшуда, барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тавсияҳои амалӣ манзур шудаанд.

Навоварии таҳқиқот ҳамчунин дар таҳлили мукаммали меъёрҳои байналмилалӣ ва миллӣ дар самти идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Аз натиҷаи омӯзиши мазмуни мафҳуми ҳуқуқии «идоракунии меҳнат» ошкор гардид, ки шарҳу тавзеҳи мавҷуда доир ба ин мафҳум гуногун буда, мукаммал нестанд. Аз натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар заминаи назарияҳои илмии мавҷуда ва амалияи қонунгузории меҳнат дефинитсияи "идоракунии меҳнат" таҳия шудааст, ки аз назари унвонҷӯ мавзуъ ва таркиби субъективии муносибатҳоро дар идоракунии меҳнат комилан ифода менамояд: «**Идоракунии меҳнат** - маҷмуъи тадбирҳои ҳуқуқӣ ва ташкилиеро дар бар мегирад, ки аз ҷониби субъектҳои идоракунӣ (давлат, корфармоён, иттифоқҳои касаба ва ғайра) дар сатҳи мутобиқ барои ба танзим даровардани маҷмуи масъалаҳои меҳнат: таҳияи меъёри ҳуқуқӣ, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини шуғли самарабахш, ҳифзи меҳнат, такмили ихтисоси кормандон ва назорати риояи қонунгузории меҳнат амалӣ карда мешавад».

Унвонҷӯ муайян кардааст, ки дар низоми ҳуқуқи меҳнат институти идоракунии меҳнат бо хусусиятҳои танзими ҳуқуқии ба худ хос фарқ мекунад. Дар рисола як қатор навовариҳо ва адабиёти илмиву маводи бойгонӣ ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд.

Мазмуни маводи таҳқиқотӣ ба таври пурра дар мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб инъикос ёфтааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ як қатор масъалаҳои баҳсталаб вуҷуд дорад, масалан, таҳлили муқоисавии амали санадҳои байналмилалӣ ва иҷроиши онҳо гузаронида шавад, барои комил гардидани таҳқиқи мавзуъ муфид мебуд. Эродҳои баҳсталаб арзиши илмии рисмоларо паст накарда, хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти муҳим анҷом пазируфтааст, ки он бе камбудӣ намешавад, хусусан бо назардошти он, ки кори пешниҳодгардида аввалин дар ин самт мебошад. Аз ин лиҳоз мо онро мавриди баррасӣ ва дастгирӣ мешуморем.

Хулоса, таҳқиоти диссертатсионии Тоҷиддини Баҳриддин дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ таҳқиқоти илмӣ-назариявии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои номзадӣ мутобиқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии идоракунии меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5. Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мувофиқ буда, муаллифи он – Тоҷиддини Баҳриддин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сазовор аст.

**Муқарриз:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Абдухолиқзода А.

Имзои дотсент. Абдухолиқзода А-ро
**тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А.Н.
«11» майи 2026 с.

Суроға: 734003, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Тел.: 2-24-17-86, факс: 2-24-83-93
Почтаи электронӣ: info@apa.tj